# Тақризи роҳбари илмӣ

**ба рисолаи Абдураҳмонова Нилуфар Ҳайдаршоевна дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ“ - и Ҳусайн Воизи Кошифӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

Омӯхтану таҳқиқи хусусиятҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори адибони классикӣ аз масъалаҳои заҳматталаб ва муҳимми илми забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Таҳқиқи ин хусусиятҳои забони асари алоҳидаи ин ё он шоиру нависандаи классикӣ ба сурати мушаххас барои ошкору равшан гардидани забони адабии ҳамин марҳалаи инкишофи он, нақши адибони алоҳида дар такмили забони адабӣ ва меъёрҳои забони адабӣ ёрии калон мерасонад. Аз ин нуқтаи назар, диссертатсияи унвонҷӯ Абдураҳмонова Н. Ҳ. дар мавзуи “Вижагиҳои луғавию грамматикии “Ахлоқи муҳсинӣ “ - и Ҳусайн Воизи Кошифӣ” дорои аҳамияти назарию амалии хоса буда, дорои навигарии муҳимми илмӣ мебошад.

“Ахлоқи муҳсинӣ” беҳтарин намунаи насри ахлоқии адабиёти классикии тоҷик буда, забону тарзи баёни муаллиф низ бисёр дилкашу сода ва равон мебошад, ки дар муқоиса бо насри мураккабу печидаи баъзе адибони ҳамасри Ҳусайн Воизи Кошифӣ беҳтарин намунаи забони адабии меъёри тоҷикии асри XV маҳсуб меёбад. Бояд нуктаи дигареро ҳам таъкид кард, ки то имрӯз дар бобати хусусиятҳои забонии ин асар таҳқиқи илмии забоншиносӣ ба майдон наомадааст. Аз ин нуқтаи назар рисолаи мазкур таҳқиқи аввалину мукаммалест дар ин бобат.

Сохтори диссертатсия низ ҷолиби диққат буда, аз се боб ва чандин фаслу зерфаслҳо иборат мебошад.

Дар қисмати муқаддимаи рисола муҳаққиқ ҳадафи таҳқиқ, сарчашмаю манбаъ ва масъалаҳои таҳқиқи худро мушаххас нишон дода, навгонӣ, аҳамияти илмию амалӣ, нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшавандаро номбар намудааст.

Баёни матолиби номбурда нишон медиҳад, ки унвоҷӯ ба кори илмӣ омода буда, назари мустақилонаи худро дорад.

Боби якуми рисола “Вижагиҳои луғавии “Ахлоқи муҳсинӣ” ном дошта, дар ин бобат таҳқиқи амиқ ва муҳим анҷом ёфтааст.

Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки унвонҷӯ дар ин боб лексикаи худӣ ва иқтибосии асарро баррасӣ намуда, дар асоси ду ҷумлае, ки аз “Ахлоқи муҳсинӣ” овардааст, нақши вожаҳои аслии тоҷикиро дар ин асар ва муносибати муаллифи асарро ба лексикаи худӣ бисёр мушаххас нишон

додааст, чунончи: дар ҷумлаи аввал, ки аз 14 вожа таркиб ёфтааст, ҳамагӣ 4 вожаи арабӣ истифода шудааст, дигар ҳама калимаҳои умумиистеъмоли тоҷикианд. Унвонҷӯ дар асоси маводи мушаххас ибрози назар менамояд, ки "Интихоби калима дар баёни адиб ба шароиту вазъияти нутқ сахт иртибот дорад" ва ҷумлаеро аз забони духтари пиразане, ки бо духтараш саҳронишин аст, меорад, ки аз 15 вожае, ки дар ҷумла корбаст шудааст, ҳамагӣ 3 вожаи арабӣ дида мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳамин гуна назару биниши мушаххаси унвонҷӯ дар гурӯҳбандии маъноии вожаҳои асар, ҳодисаҳои муродифӣ, тазодӣ, ҳамчунин вожаҳо низ ба назар мерасанд.

Дар боби дуюми диссертатсия вижагиҳои сарфии «Ахлоқи муҳсинӣ" таҳқиқ шудааст.

Яке аз вижагиҳои "Ахлоқи муҳсинӣ"- ро дар бахши сарф унвонҷӯ дар истифодаи исмҳои хос донистааст, ки дуруст аст, зеро дар асар вобаста ба мазмуну муҳтавои нақлу ривоят ва ҳикоёте, ки оварда мешаванд, номҳои хоси сершумори одамон, аз ҷумла, шахсиятҳои таърихӣ, донишмандони илму фарҳанг, шайхон, пешвоёни дину мазҳаб ба таври фаровон истифода шудааст ва унвонҷӯ дар асоси таҳқиқи мушаххас теъдоди онҳоро 108 адад нишон додааст. Дар "Ахлоқи муҳсинӣ" исмҳои хоси ифодакунандаи номи шаҳру вилоят, кишвару мавзеъҳои гуногуни ҷуғрофӣ низ серистеъмол будааст.

Дар фаслу зерфаслҳои дигари боби дуюми диссертатсия унвонҷӯ оид ба вижагиҳои дастурии ҷамъбандии исм, калимасозии исм, сифат ва вижагиҳои он дар "Ахлоқи муҳсинӣ", ҳамчунин вижагиҳои корбурди феъл дар ин асар изҳори назар кардааст. Унвонҷӯ аз баррасии вижагиҳои сарфии "Ахлоқи муҳсинӣ" ба чунин натиҷа расидааст, ки комилан дуруст мебошад: "Вижагиҳои "Ахлоқи муҳсинӣ" нишон медиҳад, ки муаллиф аз як тараф, меъёрҳои сарфии забони адабии замони худро риоя карда бошад, аз сӯйи дигар, барои боз ҳам устувор гардидани сохти сарфии забони адабии меъёр саҳми муҳим гузоштааст" .

Боби сеюми диссертатсия "Вижагиҳои наҳвии "Ахлоқи муҳсинӣ" номида шудааст. Фасли аввали боби сеюми диссертатсия ба вижагиҳои ибораоройӣ дар "Ахлоқи муҳсинӣ" бахшида шудааст. Унвонҷӯ аз рӯйи ифодаи ҷузъи асосӣ ибораҳои асари таҳқиқшавандаро ба ибораҳои исмӣ, сифатӣ, шуморавӣ, ҷонишинӣ ва феълӣ ҷудо кардааст. Ҷолиби диққат аст, ки унвоҷӯ дар як асар чандин ибораҳои шуморавӣ ва ҷонишинӣ, ки теъдоди онҳо дар осори бадеии муосир ҳам он қадар зиёд нест, ёфтааст, чунончӣ: камтар касе аз рӯзгор, яке ҷумлаи хос, ҳафт қадам аз оқиб, яке мулозимон, дахи дигар (шуморавӣ); мани заъиф, ҳамин нуқта, ҳамаи

ҳаҷҳо, ин гуна мадгор, ҳар ки аз салотин, ҳама кас, баъзе аз шумо, дигар бандагон.

Аз вижагиҳои ҷумлаи сода унвоҷӯ пас аз хабари ҷумла овардани пуркунандаи нишонадор (Шукру сипосу ситоише бошад ҳар мунъимро) нависанда ду пуркунандаи чидаро меорад, ки ҳар ду муайянкунанда доранд ва дар байни пуркунандаю муайянкунандаи аввал хабарро ҷо дода, пуркунандаи дуюм бе хабар ифода мешавад (Ҳотам маркабе дорад бодпой ва боргие (аспе) ҷаҳонпаймой) ба ҳар хабари номии чида ҳиссачаи инкориро такроран оварда, ба он маънии инкорӣ ва аз сӯи дигар, оҳанги таъкидӣ мебахшад (На ӯро рутбаи мамлакатдорӣ ва на мансаби фармонравоӣ, на қуввати ҷаҳонгирӣ ва на бозуи кишваркушоӣ) – ро таъкид ва ба мисолҳо асоснок кардааст.

Фасли 3-юми боби диссертатсия ба таҳқиқи ҷумлаи мураккаби "Ахлоқи муҳсинӣ" бахшида шудааст. Унвонҷӯ дар натиҷаи таҳқиқу баррасии маводи асар ба хулосае меояд, ки дар "Ахлоқи муҳсинӣ" ҷумлаи мураккаби пайваст низ гоҳо аз нигоҳи таркиб, ифодаи аъзоҳо чунон ҳунармандона тарҳрезӣ шудааст, ки, аз як тараф, тарзи баён дилкашу таъсиргузор буда, аз сӯйи дигар, комилан мутобиқ ба меъёри забони адабӣ мебошад. Мисол: Саховат сабаби некномӣ ва эҳсон муҷиби дӯсткомиву хуҷастафарҷомӣ аст.

Нуктаи ҷолибу муҳим дар ин боби диссертатсия ин аст, ки унвонҷӯ ҳамаи навъи ҷумлаи пайрав, ки дар таҳқиқи наҳвшиносии тоҷик теъдоди онҳо 14-то аст, аз "Ахлоқи муҳсинӣ" пайдо карда бо мисолҳои мушаххас нишон додааст. Ин амали диссертант барои назария ва амалияи наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аҳамияти бузург дорад.

Фасли 4-уми боби 3-юми диссертатсия таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеи сертакибро дар бар мегирад. Нуктаи ҷолиб дар ин фасл он аст, ки унвонҷӯ се қолаби аслӣ: ҷумлаҳои ҳампайрави чида, ғайричида, дараҷа ва қолабҳои фаръии зиёдеро бо мисолҳо нишон додааст.

Фасли 5-уми боби 3-юми диссертатсия ба нишон додани нақши банди наҳвӣ дар "Ахлоқи муҳсинӣ" бахшида шудааст. Бояд ин нуктаро ҳам бо таъкид бигӯем, ки ин диссертатсия яке аз корҳои таҳқиқиест, ки дар он бори аввал банди наҳвӣ ҳамчун воҳиди наҳв дар асоси маводи асари алоҳидаи адиби классик баррасӣ шудааст ва ин аз сохтори худи асар сар задааст, чаро ки ин воҳиди наҳв вобаста ба мазмуну сохтори асар корбурди зиёд дорад.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 7 банд ҷамъбаст гардидааст, ки хеле ҷолибанд. Ҳамчунин тавсияҳои унвонҷӯ дар 9 банд пешниҳод шудааст.

Хулоса, рисолаи унвонҷӯ Абдураҳмонова Н. Ҳ. дар мавзуи "Вижагиҳои луғавию грамматикии "Ахлоқи муҳсинӣ" кори комилан бaанҷомрасида буда, ман ҳамчун роҳбари илмӣ аз фаъолияти ӯ қанобатбахшам ва рисоларо ба ҳимоя тавсия медиҳам.

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи таърихи забон ва типологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хоҷаев Д.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 772
Телефон:(+992)985-55-84-38

Имзои Хоҷаев Давлатбекро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.
Телефон: (+992-37)221-62-25; факс: 227-15-10
Email: info@tnu.tj

"15"декабри соли 2023